Дар бораи шаклҳои ариза ва хулосаи мақомоти андоз оид ба гузаронидани мониторинги андозӣ ва талаботи тартиб додани хулоса

070.030.010.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 73 ва қисми 3 моддаи 76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шаклҳои ариза ва хулосаи мақомоти андоз оид ба гузаронидани мониторинги андозӣ ва талаботи тартиб додани хулоса тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

2. Фармоиши мазкур ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Боҷу хироҷ» нашр намудани фармоиши мазкур чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми раиси Кумитаи андоз вогузор карда шавад.

Замимаи 1
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «_07_» _06_ соли 2022, № 15-ф

Ба Раиси Кумитаи андоз назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

______________________________

(насаб, ном ва номи падар)

# АРИЗА

дар барои гузаронидани мониторинги андозӣ

Мутобиқи талаботи моддаи 73 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш менамоям, ки барои соли_______ бо мақсади пешгирии ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории андоз ва дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи:

________________________________________________________________________,
(номи ташкилот – андозсупоранда, агенти андоз)

РЯМ | | | | | | | | | | | , РМА | | | | | | | | | |

вогузор карда шудааст, мониторинги андозӣ гузаронида шавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 71 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоям, ки маблағи даромади умумии дар соли гузаштаи ҳисоботии 20___ гирифтаи андозсупоранда аз рӯйи ҳисоботи муҳосибӣ зиёда аз _______________ ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Андозсупоранда омода аст, ки бо мақомоти андоз дар асоси созишнома, ки намунаи он бо фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҳамкории иттилоотӣ намояд.

Роҳбари ташкилот ___________________________ ________________________
(имзо) (насаб, ном ва номи падар)

«_____» __________________ соли 20____

Замимаи 2
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_07_» _06_ соли 2022, № 15-ф

# ХУЛОСАИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ОИД БА ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГИ АНДОЗӢ

№ __________ «____» __________ соли 20__

Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ______________________

(насаб, ном ва номи падар)

______________________________________________________________________ тасдиқ мекунад, ки
ҳангоми гузаронидани мониторинги андозӣ дар фаъолияти ______________________________

(номи андозсупоранда, РМА/РЯМ)

______________________________________________________________________

мутобиқи моддаи 76 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи созишномаи мутақобилаи тарафайн бо мақсади пешгирии ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории андоз бо дархости андозсупоранда аз «___»_______ соли 20___, № _____ (ва ё бо ташаббуси мақомоти андоз) хулосаи асоснок (ниҳоӣ)-и мақомоти андоз тартиб дода шуд. Омӯзиши маводи пешниҳоднамудаи андозсупоранда ва маълумоти дар мақомоти андоз буда муайян намуд: ______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________.

(мұҳтавои далелҳои муқарраршуда, ки аз ҷониби андозсупоранда нодуруст ҳисоб кардан ва (ё) сари вақт пардохт накардани андозҳою пардохтҳо ва мавқеи мақомоти андоз оид ба ин масъалаҳо)

Дар асоси мониторинги андозии гузаронидашуда ҳолатҳои зерин муайян карда шуд:

| № р/т | Номгӯйи андозҳо ва пардохтҳо | Муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | Мавқеи мақомоти андоз дар бораи дурустии ҳисоб кардани андозҳо ва пардохтҳо ва пардохти саривақтии онҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | модда | қисм | банд | зербанд | сархат | |
| 1 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Ҳисоб кардани маблағи андозҳо ва пардохтҳо дар асоси хулосаи асоснок (ниҳоӣ)-и мақоми андоз (агар мавҷуд бошад):

(бо сомонӣ)

| № р/т | Номгӯйи андозҳо ва пардохтҳо | Соли ҳисоботӣ | Давраи андозӣ | Манбаи андоз | Маблағи андозҳо ва пардохтҳо | Фоизҳо | Ҷаримаҳо | Ҳамагӣ бо фоизу ҷаримаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 3 | 4 | 5 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | Ҳамагӣ: | | | | | |

Эзоҳ: Қарзҳои андозӣ ба санаи тартиб додани хулоса нишон дода мешаванд.
Фоизҳо то рӯзи тартиб додани хулоса ҳисоб карда мешаванд.

Замима: дар ______ варақ.

Раис ______________ _________________________

(имзо) (насаб, ном ва номи падар)

Хулосаи мақомоти андоз бо замимаҳо дар ______ варақ гирифта шуд.

Роҳбар (намояндаи
ваколатдор)-и андозсупоранда ___________ ___________________

(имзо) (насаб, ном ва номи падар)

Замимаи 3
ба фармоиши раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «_07_» _06_ соли 2022, № 15-ф

## Талаботи тартиб додани хулосаи мақомоти андоз оид ба гузаронидани мониторинги андозӣ

1. Хулосаи мақомоти андоз оид ба гузаронидани мониторинги андозӣ дар асоси маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамуда, маълумотҳои системаи ҳамгироии иттилоотии андоз ва дигар маълумоти дастрасшуда оид ба риояи қонунгузории андоз тартиб дода мешавад.

2. Мақомоти андоз мавқеи худро оид ба масъалаҳои дуруст ҳисоб кардан (нигоҳ доштан), пурра ва сари вақт пардохт намудани андозҳо ва пардохтҳо дар хулосаи мақомоти андоз оид ба гузаронидани мониторинги андозӣ инъикос менамояд.

3. Хулосаи мақомоти андоз, бо имзои роҳбар (муовини роҳбар)-и Кумитаи андоз ба андозсупоранда тариқи хаттӣ, почта, суроғаи электронӣ ё ҳуҷраи шахсии андозсупоранда дар давоми панҷ рӯзи пас аз ба имзо расондани он ирсол карда мешавад.

4. Аз рӯйи натиҷаҳои давраи мониторинги андозӣ дар давоми 3 моҳ, вале на дертар аз 1 майи соли пас аз соли ҳисоботӣ хулосаи ниҳоии мақомоти андоз тибқи шакли замимаи 2 фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2022, №15-ф оид ба гузаронидани мониторинги андозӣ тартиб дода мешавад.